«ТАСДИҚ ШУДААСТ»
Бо Фармони Директори генералии
ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
_________________Раҳмонов Б.Р.
аз «08» ноябри соли 2025, №171/25

# ҚОИДАИ
# СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТАВАККАЛҲОИ МОЛИЯВӢ ВА СОҲИБКОРӢ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Душанбе – 2025

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ (минбаъд – «Қоида» ё «Қоидаи суғурта») мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

1.2. Шартҳое, ки дар Қоидаи суғурта мавҷуданд ва ба матни Шартномаи суғурта дохил карда нашудаанд, барои Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ҳатмӣ мебошанд ва худи Қоида дар сомонаи расмии Суғуртакунанда дар шабакаи иттилоотӣ – коммуникатсионии «Интернет» бо суроғаи: www.spi.tj ҷойгир шуда бошад ё Қоида дар як ҳуҷҷат бо шартномаи суғурта ё дар саҳифаи қафои он зикр шуда бошад ва ё ба он замима карда шуда бошад. Дар ҳолати охирин ба Суғурташаванда супоридани Қоидаи суғурта ҳангоми бастани шартномаи суғурта бо қайд шудани он дар шартномаи суғурта тасдиқ карда мешавад.

1.3. Суғуртакунанда дар асоси Қоидаи суғурта Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибос аз Қоидаи суғуртаро барои шакли (намуди) мушаххаси Шартномаҳои суғурта, ки дар асоси Қоидаи суғурта баста мешаванд, ба Суғурташавандаи мушаххас ё бахше аз Суғурташавандагон нигаронида шудаанд ва шартҳои суғуртаро инъикос менамоянд, таҳия намояд, алалхусус: субъектҳо ва объектҳои суғурта, номгӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, муҳлат ва тартиби пардохти мукофоти суғуртавӣ, муҳлати амали Шартномаи суғурта, тартиби муайян намудани маблағи пардохти суғуртавӣ, дигар муқаррарот, то он ҳадде, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғурта мухолифат надошта бошад. Чунин Шартҳои полис ё иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта ба Шартномаи суғурта замима карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи он мебошанд. Дар ҳолати татбиқ шудани Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта шартномаи суғурта аз Полиси суғуртавӣ ва Шартҳои полиси суғурта ва ё Иқтибосҳо аз Қоида, ки дар Полиси суғуртавӣ ба он истинод оварда мешавад ва он қисми таркибии Шартномаи суғурта ба шумор меравад, иборат мебошад.

1.4. Суғуртакунанда ба гурӯҳҳои алоҳидаи шартномаҳои якхелаи суғурта, ки дар асоси шартҳои Қоидаи суғурта баста шудаанд, номи маркетингӣ гузорад то он ҳадде, ки ин ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад ва бо он тартибе, ки меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **фаъолияти суғуртавӣ** – фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

– **мақоми назорати суғуртавӣ** – Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаҳои танзиму назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
...РАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **суғуртакунӣ** – муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (мукофоти суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд;

– **азнавсуғуртакунӣ** – фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки бо базиммагирии ухдадориҳо аз тарафи охирин ҷиҳати анҷом додани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад;

– **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкии суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

– **ташкилоти суғуртавӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

– **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.

– **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

– **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

– **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи Шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;

– **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ухдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

– **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дарбар мегирад;

– **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

– **шартномаи суғурта** –шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он суғурташаванда ухдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ухдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст;

– **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

– **контрагентҳо** – шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликияти ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо, инчунин шахсони воқеии қобили амал, аз он ҷумла онҳое ки ба ҳайси собибкорони инфиридой ба қайд гирифта шудаанд ва бо онҳо Суғурташаванда ва ё Шахсе, ки таваккали молиявии ӯ суғурта шудааст, дар муносиботи шартномавӣ қарор доранд;

– **давраи интизорӣ** – давраи вақте, ки Шартномаи суғурта муқарар намудааст, ки баъди ба итмом расидани он ҳодисаи суғуртавӣ рухдода ҳисобида мешавад;

– **санаи ибтидои давраи интизорӣ** – агар ҳолати дигарро Шартномаи суғурта муқарар накарда бошад, ин санае, ки баъди санае ки санаи охири иҷрои уҳдадориҳои контрагент дар назди Суғурташаванда ва ё Шахсе, ки таваккали бо Додугирифт суғурта шудааст, ҳисобида мешавад;

– **додугирифт** – Созишномаи бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқаткунанда, ки байни Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ва Контрагенти ӯ баста шудааст.

## 3. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғуртаи таваккалҳои молиявӣ манфиатҳои молиявии Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки бо таваккали нагирифтани даромадҳо, ба миён омадани хароҷоти ғайричашмдошт ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманди Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) ба ҳисоб меравад.

3.2. Объекти суғуртаи таваккалҳои соҳибкорӣ ин манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки бо таваккали ба миён омадани хисорот аз фаъолияти соҳибкории Суғурташаванда аз сабаби вайрон кардани уҳдадориҳои худ аз ҷониби контрагентони Суғурташаванда ва ё тағийр ёфтани шартҳои ин фаъолият бо сабабҳои ҳолатҳои аз Суғурташаванда вобастанабуда, аз он ҷумла бо таваккали нагирифтани даромад ба ҳисоб меравад.

## 4. СУБЪЕКТИ СУҒУРТА

4.1. Тибқи Қоидаи мазкур субъекти суғурта Суғуртакунанда, Суғурташаванда, Фоидагиранда эътироф карда мешаванд.

4.2. Ба сифати Суғуртакунанда ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс», ки барои амалӣ намудани намуди дахлдори суғурта иҷозатнома дорад, баромад мекунад.

4.3. Суғурташаванда шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба ҳисоб меравад, ки бо Суғуртакунанда шартномаи суғурта бастаанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Барои объекте, ки дар Қоида ишора карда шудааст, ба ҳайси ҳодисаи суғуртавӣ метавонад дар Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ба миён омадани зарарҳо дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадориҳои худ оиди додугирифт аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда), бо чунин сабабҳо бошад:

– аз рӯи шартномаҳо барои таҳвили мол, иҷрои корҳо ва ё пешниҳоди хизматрасониҳо:
– вайрон кардани муҳлатҳои таҳвили мол, пешниҳоди хизматрасониҳо, иҷрои корҳо;
– таҳвил накардан ва ё қисман таҳвил накардани мол, пешниҳод накардани хизматрасониҳо, иҷро накардани корҳо;
– мутобиқат накардани сифати ҳақиқии (таркиб, ҳаҷм) мол, хизматрасониҳо, корҳо мутобиқи сатҳи сифати дар шартнома дарҷшуда, меъёрҳои давлатӣ ва ё ҳуҷҷатҳои дигар, ки сифати (таркиб, ҳаҷм) мол, хизматрасониҳо, корҳоро тасдиқ менамоянд;
– даст кашидан аз пардохти мол, хизматрасониҳо, корҳо аз рӯи шартномаи басташуда;
– вайрон кардани муҳлати пардохти мол, хизматрасониҳо, корҳо аз рӯи шартномаи басташуда;

5.1.1. аз рӯи маблағгузориҳо ба қоғазҳои қимматнок (саҳмияҳо, сертификатҳо ва ғайраҳо):

– пардохти бемаврид (муҳлаташ аз ду моҳ зиёд гузашта ва ё Давраи дигари интизорӣ, ки дар Шартномаи суғурта оварда шудааст) пардохти дивидендҳо (фоизҳо бо арзиши номиналӣ) аз рӯи қоғазҳои қиматноки бадастовардашуда;
– даст кашидан аз пардохти дивидендҳо бе асосҳои қонунӣ (агар бо пайнавишти маҷлиси саҳҳомон қарор дар бораи пардохт накардани дивидендхо набошад);
– қобили пардохт набудани эмитенти қоғазҳои қиматнок дар лаҳзаи пардохти дивидендҳо;
– муфлисшавие, ки бо қарори (ҳукми) суд муайян карда шудааст;
– аз рӯи амонатҳои депозитӣ дар бонкҳо ва муассисаҳои дигари қарзӣ:
– пардохти бемавриди (аз як моҳ зиёд муҳлаташ гузашта ва ё давраи дигари интизорӣ, ки дар Шартномаи суғурта ишора карда шудааст) пардохти фоизҳои солона аз рӯи амонат;
– даст кашидан аз пардохти фоизҳои солона аз рӯи амонат бе асосҳои қонунии (дар ҳолатҳое, ки агар ба амонат аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор ҳабс гузошта нашуда бошад, фаъолияти бонк боздошта нашуда бошад ва ғ.);
– боздоштани фаъолияти бонк бо супориши Бонки милии Тоҷикистон, мақомоти салоҳиятдори ҳокимияти давлатӣ;
– муфлисшавие, ки бо қарори (ҳукми) суд муайян шудааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
... НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

5.2. Суғуртакунанда ва Суғурташаванда ҳуқуқ доранд бо мувофиқаи тарафҳо дар Шартномаи суғурта ҳолатҳои дигаре, ки дар боби мазкур пешбинӣ нашудаанд, истифода кунанд.

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Мутобиқи Қоидаи суғурта, хавфҳоиҳои суғуртавӣ чунинанд:

- аз рӯи шартномаҳо барои таҳвили мол, иҷрои корҳо ва ё пешниҳоди хизматрасониҳо;
- аз рӯи маблағгузорӣ ба коғазҳои қимматнок (саҳмияҳо, сертификатҳо ва ғайраҳо);
- аз рӯи амонатҳои депозитӣ дар бонкҳо ва муассисаҳои дигари қарзӣ;
- аз рӯи додугирифтҳои дигари шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ.

6.2. Додугирифти муайян/додугирифтҳое, ки нисбати онҳо суғурта амалӣ карда мешавад, инчунин ҳолатҳое, ки аз иродаи Суғурташаванда ва ё шахсе, ки таваккали молиявии ӯ суғурта шудааст, вобастанабуда, ба таври ҳатмӣ бояд дар Шартномаи суғурта ишора карда шаванд.

6.3. Зери мафҳуми зарарҳо мутобиқи Қоида чунин ҳолатҳо фаҳмида мешавад:

- зарари ҳақиқие, ки ба Суғурташаванда (шахси Суғурташуда), ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ росонида шудааст;
- фоидаи аз дастдодаи (фоидаҳои ногирифта) Суғурташаванда (Шахси суғурташуда);
- хароҷоти ғайричашмдоште, ки ба Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) дар алоқамандӣ бо рух додани ҳолатҳое, ки аз иродаи Суғурташаванда вобаста нест расидааст;
- хароҷот барои ҳимояи Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ҳангоми пешбурди пардванда дар суд, суди ҳакамӣ ва ё иқтисодӣ (арбитражи), тиҷорӣ, аз он ҷумла хароҷотҳо барои пардохти хизматрасониҳои экспертон ва адвокатҳо, ки Суғурташаванда дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ намудааст.

6.4. Номгӯи муайяни зарарҳо ва хароҷотҳои Суғурташаванда (шахси суғурташуда), ки нисбати онҳо суғурта амалӣ карда мешавад, бояд ба таври ҳатмӣ дар Шартномаи суғурта ишора карда шаванд.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ, ки дар ҳудуди он Суғуртакунанда ухдадор мешавад ҷуброни суғуртавие, ки бо созиши Суғурташаванда бо Суғуртакунанда мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғурта муқарар шудааст, пардохт намояд, инчунин:

- аз рӯи суғуртаи шартномаҳо барои таҳвили мол, иҷрои корҳо, пешниҳоди хизматрасониҳо маблағи суғуртавӣ наметавонад аз нархи арзишҳои молӣ моддӣ аз рӯи шартнома барои таҳвили мол, арзиши иҷрои корҳо,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

пешниҳоди хизматрасониҳо аз рӯи шартномаҳои иҷрои корҳо, пешниҳоди хизматрасониҳо зиёд бошад;

- аз рӯи суғуртаи маблағгузориҳо ба қоғазҳои қимматнок ва дивидендҳо нисбати онҳо маблағи суғуртавӣ наметавонад аз арзиши номиналии қоғази қимматнок зиёд бошад, ва ҳангоми мавҷуд будани дивидендҳои кафолатдодашуда аз рӯи қоғазҳои қимматнок - маблағҳои арзиши номиналӣ ва арзиши дивидендҳои кафолатдодашуда;
- аз рӯи суғуртаи амонатҳои депозитӣ маблағи суғуртавӣ наметавонад аз ҳаҷми депозит ва фоизҳои солонаи он баланд бошад;
- аз рӯи Додугирфтҳои дигари маданӣ-ҳуқуқии маҳдудкунӣ аз рӯи маблағи суғуртавӣ бо созишномаи Суғурташаванда бо Суғуртакунанда муайян карда мешавад.

7.2. Маблағи суғуртавӣ наметавонад аз арзиши суғуртавии манфиатҳои молумулкии ба суғурта фарогирифташавандаи Суғурташаванда (шахси суғурташуда) зиёд бошад.

7.3. Арзиши суғуртавӣ дар ҳаҷми зарарҳои ҳадди аксар имкондор, ки ба Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ метавонад расонида шавад, муқарар карда мешавад. Зарарҳое чунин ҳисобида мешаванд, ки дар асоси хусусиятҳои фаъолияти Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ва аз номгӯи муайяни таваккалҳои суғуртавӣ муайян карда мешавад ва онҳое ки аз хароҷоти дар Қоида ишорашуда ба миён меоянд, чунин ҳисобида мешаванд.

7.4. Маблағи суғуртавӣ аз ҷониби Шартномаи суғурта метавонад аз арзиши суғуртавӣ поён муқарар карда шавад (суғуртаи нопурра). Агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад, онгоҳ бо чунин шарт Суғуртакунанда бо рух додани ҳодисаи суғуртавӣ уҳдадор аст ба Суғурташаванда қисми зарарҳои ба охирон расидаро баробарҳаҷм нисбати маблағи суғуртавӣ ва нисбати арзиши суғуртавӣ ҷуброн намояд.

7.5. Дар ҳолате, ки агар таваккал танҳо дар қисмати арзиши суғуртавӣ суғурта шуда бошад, онгоҳ Суғурташаванда ҳуқуқ дорад суғуртаи иловагиро амалӣ намояд, аз он ҷумла дар назди Суғуртакунандаи дигар, ба шарте, ки маблағи умумии суғуртавӣ аз рӯи тамоми шартномаҳои суғурта аз арзиши суғуртавӣ баланд набошанд.

7.6. Агар маблағи суғуртавие, ки дар шартномаи суғуртаи таваккали молиявӣ ишора карда шудааст, аз арзиши суғуртавӣ баланд бошад, шартнома дар он қисмате, ки маблағи суғуртавие ки аз арзиши суғуртавӣ зиёд аст, беэътибор мебошад.

7.7. Дар ҳолате, ки маблағи суғуртавӣ аз арзиши суғуртавӣ дар натиҷаи суғуртаи ҳамон як объект ва ё якчанд суғуртакунандаҳо зиёд бошад (суғуртаи дукарата) муқарароти пешбининамудаи Қоида, оиди оқибатҳои суғуртаи аз арзиши суғурта баланд мавриди истифода қарор мегирад. Илова бар он маблағи ҷуброни суғуртавӣ, ки ҷоиз ба пардохт ба ҳар яке аз суғуртакунандаҳо мебошад, баробарҳаҷм ба камшавии маблағи аввалияи суғуртавӣ аз рӯи шартномаи суғуртаи мутобиқаткунанда кам карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

7.8. Агар изофанархии ҳаҷми маблағи суғуртавӣ натиҷаи фиреб аз ҷониби Суғурташаванда бошад, он гоҳ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад эътирофи беэътибории Шартномаи суғурта ва ҷуброни зарарҳои ба ӯ расонидашуда бо ин зарар дар ҳаҷми аз маблағи аз ҷониби Суғурташаванда гирифтаи подоши суғуртавии ӯро талаб намояд.

7.9. Пардохти ҷубронҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳамаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд аз бузургии маблағи муқарарнамудаи Шартномаи суғурта зиёд бошанд.

7.10. Дар ҳолати пардохти ҷуброни суғуртавӣ маблағи суғуртавӣ ба маблағи ҷуброни суғуртавӣ аз лаҳзаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ кам карда мешавад. Барқарор кардани маблағи суғуртавӣ то ҳаҷми ибтидоӣ баъди ҳодисаи суғуртавӣ метавонад аз ҷониби Суғуртакунанда бо аризаи хаттии Суғурташаванда ба шарти аз ҷониби Суғурташаванда пардохтани подоши иловагии суғуртавӣ, амалӣ карда шавад.

7.11. Дар давраи амали Шартномаи суғурта Суғурташаванда бо созиш бо Суғуртакунанда метавонад ҳаҷми маблағи суғуртавӣ ва ё меъёрҳои ҷудогонаи уҳдадорӣ баланд карда шавад. Дар чунин ҳолат созишномаи иловагӣ ба Шартномаи суғурта бо пардохти мукофоти иловагии суғуртавӣ ба расмият дароварда мешавад.

7.12. Маблағи суғуртавӣ бо пули миллӣ сомонӣ муқарар карда мешавад. Бо созиши тарафайн дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ метавонад бо асъори хориҷӣ ишора гардад, ки баробарҳаҷми он маблағи мутобиқаткунандаи пули милли – сомонӣ мебошад (минбаъд «суғурта бо асъори баробарҳаҷми хориҷӣ» номида мешавад). Илова бар он бо мақсади амалинамоии назорат аз болои таваккали асъор Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад маҳдудкуниҳоро нисбати бузургии тағийрёбии қурби асъор, ки он аз ҷониби Суғуртакунанда ба сифати барои истифода имкондори суғурта бо баробарҳаҷми асъорӣ истифода мегардад, истифода барад. Истифодаи чунин маҳдудиятҳо ҳангоми ба тарви дуруст дар Шартномаи суғурта ҷой додани онҳо, истифодаи тарофаи зиёдгардидаи суғуртавӣ, инчунин истифодаи дигар воситаҳое, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, имкон дорад.

Дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобкуниҳои байни тарафҳои Шартнома бо асъори хориҷӣ иҷозат дода шудаанд, маблағи суғуртавӣ метавонад муқарар карда шавад, инчунин мукофоти суғуртавӣ метавонад аз ҷониби Суғурташаванда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкуннадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ пардохт гардад.

7.13. Мукофоти суғуртавӣ дар асоси ҳаҷми маблағи суғуртавӣ, бо истифодаи миқдорҳои тарофавӣ ва коэфисентҳои ислоҳотӣ, ки шартҳои муайяни суғурта ва омилҳои таваккалро ба эътибор мегиранд, ҳисоб карда мешавад.

7.14. Мукофоти суғуртавӣ аз ҷониби Суғурташаванда якмаротиба ва ё муҳлатнок дар ҳаҷм, тартиб ва муҳлати муқарарнамудаи Шартномаи суғурта пардохт мегардад. Рӯзи пардохти мукофоти суғуртавӣ, рӯзи ворид гардидани воситаҳо ба ҳисоби Суғуртакунанда ба шумор меравад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёрҳои тарофавӣ дар асоси меъёрҳои тарофавии базавӣ бо назардошти шартҳои муайяни суғурта муқарар карда мешаванд.

8.2. Ҳангоми муайян кардани маблағи мукофоти суғуртавӣ, ки тибқи шартномаи суғурта бояд пардохт карда шавад, Суғуртакунанда тарифҳои суғуртавиеро, ки аз ҷониби ӯ ҳисоб карда шудаанд ва ба мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа гардидаанд, бо назардошти дараҷаи хавфи суғуртавӣ, ки дар он суғурта гузаронида мешавад, мухлати суғурта, хавфҳои суғурташуда, инчунин дигар ҳолатҳое, ки барои муайян намудани эҳтимолияти фаророасии ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари имконпазир аҳамияти муҳим доранд, ҳисоб карда шудаанд, истифода мебарад.

8.3. Суғуртакунанда дар ҳар як ҳолати мушаххас ҳангоми бастани шартномаи суғурта барои муайян намудани дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва баҳисобгирии хусусиятҳои молу мулки мушаххас ҳуқуқ дорад ба меъёрҳои заминавии тарифӣ коэффитсиентҳои болораванда ва пастшавандаро (минбаъд номида мешавад – коэффитсиентҳои ислоҳӣ) мутобиқи Услубҳои иҷозатдодашудаи ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ ба Қоидаи мазкур истифода барад. Қарор дар бораи ҳаҷми муайяни коэффитсиенти баландкунанда ё пасткунанда аз ҷониби Суғуртакунанда пас аз омӯзиш ва баҳодиҳии маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамуда ва имзонамудаи Суғурташаванда қабул карда мешавад. Андозаи мушаххаси тарифи суғуртавӣ бо мувофиқаи тарафҳо дар шартномаи суғурта муайян карда мешавад.

## 9. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Мукофоти суғуртавӣ нисбати ҳар яке аз таваккалҳои барои суғурта истифодабаранда муқарар карда мешавад ва метавонад вобаста аз омилҳои таваккали аз ҷониби мутахассисон муайянкунанда, ислоҳ дароварда шавад.

9.2. Мукофоти суғуртавӣ бо пардохти яквақтина ҳангоми суғурта ба мухлати як сол ва ё ҳамасола ҳангоми суғуртакунӣ барои якчанд сол пардохт мегардад.

Аммо ҳангоми ба имзо расонидани Шартномаи суғурта тарафҳо метавонанд тартиби мухлатноки пардохти мукофоти суғуртавиро гуфтугузор намоянд.

9.3. Агар мутобиқи Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ дар якчанд марҳилаҳо пардохт карда шавад ва дар лаҳзаи муқарар кардани ҳолатҳои бо он алоқаманд, ки маблаги суғуртавӣ аз арзиши суғуртавӣ баланд аст, он нопурра ворид карда шудааст, мукофоти суғуртавии боқимонда бояд дар ҳаҷми, баробарҳаҷми камшудаи ҳаҷми маҷблағи суғуртавӣ пардохт карда мешавад.

9.4. Мукофоти суғуртавӣ ба таври ғайринақдӣ ба суратҳисоби Суғуртакунанда дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз рӯзи ба имзо расидани Шартномаи суғурта пардохт карда мешавад. Ҳангоми суғурта ба муддати якчанд сол мукофоти навбатии солона дар муддати як моҳ гузаронида мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

9.5. Аз рӯи Шартномае, ки ба муҳлати на камтар аз 1 (як) сол ба имзо раисдааст, мукофоти суғуртавӣ аз рӯи чунин ҳаҷмҳо аз маблағи мукофоти солонаи суғуртавӣ пардохт карда мешавад:

- барои 1 моҳ - 25%, барои 2 моҳ 35%, барои 3 моҳ 40%, барои 4 моҳ- 50%, барои 5 моҳ - 60%, барои 6 моҳ 70%, барои 7 моҳ 75%, барои 8 моҳ-80%, барои 9 моҳ - 85%, барои 10 моҳ 90%, барои 11 моҳ - 95%.

9.6. Мукофоти суғуртавӣ бо пули миллии сомонӣ муқарар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ метавонад дар ҳаҷми баробарҳаҷми бо асъори хориҷӣ муқараргардида, муқарар карда шавад.

9.7. Дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобу китоби байни Тарафҳои Шартномаи суғурта бо асьори хориҷӣ иҷозат дода мешавад, мукофоти суғуртавӣ метавонад инчунин ба Суғурташаванда бо асъори хориҷӣ пардохт карда шавад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Шартномаи суғурта созишномаи байни Суғуртакунанда ва Суғурташаванда мебошад, ки бо қувваи он Суғуртакунанда уҳдадор мешавад, ки ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба Суғурташаванда ва ё дигар шахсе, ки ба манфиати у Шартномаи суғурта ба имзо расидааст, пардохти суғуртавиро амалӣ намояд, Суғурташаванда бошад, уҳдадор мешавад, ки мукофоти суғуртавиро аз рӯи муҳлатҳои муқарарнамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд.

Шартномаи суғурта метавонад дигар шартҳоро низ дар бар гирифта бошад, ки онҳо бо созиши тарафайн муайян карда мешаванд ва бояд ки онҳо ба шартҳои умумии ҳақиқӣ будани додугирифт, ки аз ҷониби қонунгузории шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ҷавобгӯ бошад.

10.2. Ҳангоми ба имзо расонидани Шартномаи суғурта Суғурташаванда уҳдадор аст дар аризааш ба Суғуртакунанда ҳолатҳои ба Суғурташаванда маълум, ки барои муайян намудани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои эҳтимолӣ аз рух додани он аҳамияти арзишнок дорад, хабар диҳад, агар ин ҳолатҳо ба Суғуртакунанда маълум набошанд.

10.3. Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ ба расмият даровarda мешавад.

10.4. Агар Шартнома ҳолати дигарро муқарар накарда бошад, шартномаи суғурта аз соати 00:00 рӯзи дар Шартнома ҳамчун рӯзи ибтидои амали Шартномаи суғурта ишорагардида, ба шарти аз ҷониби Суғурташаванда дар муҳлатҳои дар Шартномаи суғурта гуфтугузоршуда пардохт гардидани мукофоти суғуртавӣ, қувваи қонунӣ мегирад ва дар соати 00:00 рӯзе, ки дар Шартномаи суғурта ҳамчун рӯзи ба итмом расидани Шартнома ишора гардидааст, ба итмом мерасад. Шартнома метавонад санаи қувваи бозгаштдоштаро дар бар гирад, дар ҳолатҳое, ки ин ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.5. Суғуртае, ки аз ҷониби Шартномаи суғурта шартгузорӣ шудааст, ба ҳодисаҳои суғуртавие, ки баъди қувваи қонунӣ гирифтани Шартномаи суғурта рух додаанд, паҳн мегардад.

10.6. Шартномаи суғурта ба муҳлати на камтар аз 1 (як) моҳ баста мешавад.

10.7. Шартномаи суғурта дар чунин ҳолатҳо қатъ карда мешавад:

– ба итмом расидани муҳлати амал соати 00:00 рӯзи, баъди санаи ба итморасии Шартномаи суғурта;
– аз ҷониби Суғуртакунанда иҷро шудани уҳдадориҳо аз рӯи Шартномаи суғурта ба пуррагӣ (баъди он ки лимити маҷмӯъии уҳдадорӣ дар натиҷаи пардохти зарар аз рӯи Шартномаи суғурта ба итмом мерасад) соати 00 рӯзи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, ки натиҷаи пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ ба ҳаҷми пурраи маблағи суғуртавӣ гардидааст;
– аз ҷониби Суғурташаванда пардохт нагардидани мукофоти суғуртавӣ, дар муҳлати Шартномаи суғурта муқарарнамуда соати 00:00 рӯзе, ки дар Шартномаи суғурта ҳамчун санаи ворид намудани пардохти навбатии мукофоти суғуртавӣ ишора гардидааст, агар пардохт дар ин рӯз ба ҳисоби Суғуртакунанда ворид карда нашуда бошад;
– барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва ё маҷбурии Суғурташаванда, инчунин дар ҳолати таъин намудани маъмурияти муваққатӣ, ба даст овардани дастовардҳо бо кредиторҳо, барқарор намудани назорат аз болои фаъолияти Суғурташаванда аз ҷониби ягон мақомоти давлатӣ соати 00 рӯзи баимзорасии ҳуҷҷат оиди чунин қарор аз ҷониби ашхоси барои он мукаллафшуда, аммо агар тағийроти дарболозикршуда дар филиали Суғурташаванда амалӣ шуда бошанд, ки номгӯи он дар Шартномаи суғурта ишора гардидааст, онгоҳ дарбаргирии суғуртавӣ қувваашро танҳо нисбати он зарарҳое, ки дар натиҷаи аз зарарҳо аз ин филиалҳо расидаанд, қувваи худро гум мекунад;
– барҳамдиҳии Суғуртакунанда соати 00:00 рӯзи баимзорасии протокол оиди барҳамдиҳӣ аз ҷониби ашхоси барои он мукаллафшуда;
– қатъ кардани амали Шартномаи суғурта бо қарори суд соати 00:00 рӯзи беэътибор эътироф гардидани Шартномаи суғурта, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

10.8. Суғуртакунанда метавонад бо мақсади азнавсуғуртакунӣ дар шартномаҳои суғурта шартҳоеро, ки ба стандартҳо ва таҷрибаи байналмилалии азнавсуғуртакунӣ мутобиқат мекунанд, истифода намояд. Банди мазкур нисбати шартномаҳое, ки ба азнавсуғуртакунӣ фаро гирифта намешавад, татбиқ намегардад

## 11. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИИ ТАРАФҲО

11.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

а) барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ дар ҳаҷми зарари бевосита (ҳақиқӣ) дар ҳудуди маблағи суғуртавӣ бо назардошти шартҳои муайян, ки дар Қоидаи суғурта ишора шудаанд;

б) дар мавриди бастани шартномаи суғурта шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои гирифтани пардохти суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта Фоидагиранда таъин намояд;

в) барои тағийр додани шартҳои Шартномаи суғурта аз рӯи тартиби муқарарнамудаи Қоида;

г) барои бекор кардани шартномаи суғурта.

11.2. Суғурташаванда уҳдадор аст:

а) ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартномаи суғурта маълумоти барои қабули қарор оиди бастани Шартномае, ки дараҷаи таваккалро тавсиф менамояд, хабар диҳад;

б) ба Суғуртакунанда оиди тамоми Шартномаҳои суғуртавии басташуда ва ё басташаванда нисбати объекти мазкури суғурта хабар диҳад;

в) мукофоти суғуртавиро дар ҳаҷм, тартиби ва муҳлатҳои муқарарнамудаи Шартномаи суғурта, пардозад;

г) чораҳои ақлонаи эҳтиёткориро андешад, тамоми тавсияҳои Суғуртакунандаро оиди пешгирии зарар риоя намояд, инчунин талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

д) махсусан ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои шартнома аз ҷониби Контрагент, тавсияҳои Суғуртакунандаро аз рӯи амалиавшии ухдадориҳои худ ва ҳуқуқҳо аз рӯи додугирифт, пайравӣ намояд;

е) дар муддати 3 (се) шабонарӯз Суғуртакунандаро хабардор намояд, агар аз ҷониби Шартномаи суғурта дигар давраи огоҳкунӣ оиди ҳолатҳои дар давраи амали Шартномаи суғурта ва он ҳолатҳое, ки ба таври арзишнок дараҷаи таваккалро баланд мекунанд, хабар диҳад;

ж) ба Суғуртакунанда фавран дар бораи ҳар кадом тағийрёбӣ дар хусусияти фаъолияти худ хабар диҳад, агар ин тавонад ба баландшавии дараҷаи таваккали суғурта таъсир расонад;

з) ба Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро (ва ё қисмати мутобиққунандаи онро) баргардонад, агар ошкор карда шавад, ки чунин ҳолате, ки аз рӯи қонунунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаи суғурта ва Шартномаи суғурта, пурра ва ё қисман Суғурташандаро аз ҳуқуқ ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ маҳрум менамояд;

и) фавран дар давоми се рӯз (72 соат) дар бораи ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ бо қайди тамоми ҳолатҳои сар задани ҳодисаи суғуртавӣ бо ҳама гуна воситаи дастрас ба Суғуртакунанда хабар расонад. Тамоми хабарҳо дар бораи ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ доранд дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ бо имзои Суғурташаванда ё намояндаи ваколатдори ӯ, ки муфассал дар бораи тамоми ҳолатҳои сар задани чунин ҳодиса огоҳӣ дорад. Муқаррароти банди мазкур боиси аз

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҷониби суғуртакунанда рад намудани пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ шуда наметавонад;

к) Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ Суғурташаванда инчунин уҳдадор аст:

– ҳангоми суғуртаи таваккали иҷро накардани уҳдадориҳо (ба таври бояду шояд иҷро накардан) аз ҷониби Контрагенти Суғурташаванда, дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ баъди санаи барои иҷрои уҳдадориҳо пешбининамудаи шартнома Суғурткунандаро оиди иҷро накардани уҳдадориҳои мазкур хабардор намояд;

– муносибати минбаъдаро бо Контрагенте, ки (ба таври бояду шояд иҷро накардан) уҳдадориии Контрагентии Суғурташавандаро иҷро накардааст;

– барои аз ҷониби Контрагент иҷро гардидани уҳдадориҳо тамоми чораҳоро андешад;

– дар ҳолате, ки агар иҷрокунии уҳдадориҳои худ аз ҷониби Контрагенти Суғурташаванда аз рӯи додугирифт такрор ёбад фавран оиди он ба Суғуртакунанда хабар диҳад;

– бо талаби Суғуртакунанда дастрасии озодро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ақидаи Суғуртакунанда барои муайян намудани ҳолатҳо, хусусият ва ҳаҷми зарар аҳамиятноканд, дастрасии озод пешниҳод намояд;

– дар якҷоягӣ бо ариза оиди зарарҳо ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳое, ки оиди рух додани ходисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарар шаҳодат медиҳанд, пешниҳод намояд;

– мустақилона ва ё бо талаби Суғуртакунанда тамоми чораҳо ва амалҳои заруриро барои амалинамоии ҳуқуқи талаб нисбати контрагент, то ба тафтишоти судиро андешад.

– дар ҳолати аз ҷониби Суғуртакунанда аз Контрагент ситонидани қарзи батаъхирафтода кӯшишҳои ситонидани қарзро мустақилона амалӣ нанамояд ва оиди масъалаҳои мансуб ба ситониш (ҷуброни) қарз аз ҷониби Суғуртакунанда, маслиҳат гирад.

л) ҳангоми рух додани ходисаи суғуртавӣ, ки Шартномаи суғурта пешбинӣ намудааст, Суғурташаванда уҳдадор аст чораҳои оқилона ва дастрасро дар ҳолати бамиёномада барои паст кардани зарарҳои эҳтмолӣ андешад;

м) Баъди гирифтани хабар оиди ҳодисаи суғуртавӣ Суғуртакунанда уҳдадор аст:

– ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро муайян намояд, санади суғуртавӣ тартиб диҳад ва ҳаҷми зарарро муайян намояд;

– дар бораи пардохт ё оиди даст кашидан аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ қарор қабул намояд;

– ҳисобнамоии маблағи ҷуброни суғуртавиро баъди гирифтани тамоми ҳуҷҷатҳои зарура оиди ҳодисаи суғуртавӣ, амалӣ намояд;

– ҷуброни суғуртавиро (ва ё аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст кашад) дар муҳлати муқарарнамудаи Қоида пардохт намояд.

н) дигар уҳадориҳои дар Шартномаи суғурта, Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо иҷро намояд.

11.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

а) мустақилона сабабҳо ва ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро муайян намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

б) вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ аз мақомоти дахлдор ва корхонаю муассисаҳои дигар, ки оид ба ҳодисаи суғуртавӣ иттилоот доранд, маълумоти зарурироро гирад, инчунин сабабу ҳолатҳои ҳодисаи суғуртавиро мустақилона муайян намояд;

в) аз Суғурташаванда маълумоти барои муқаррар намудани далели ҳодисаи суғуртавӣ ва муайян намудани ҳаҷми зарар, аз он ҷумла маълумотҳои хусусияти сирри тиҷоратӣ доштаро талаб намояд;

г) ҳангоми зарурат ба мақомоти салоҳиятдор оиди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои мувофиқаткунанда ва маълумоти тасдиқкунандаи далел ва сабаби рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пурсиш равон намояд;

д) дар ҳолатҳое, ки агар Суғурташаванда барқасдона барои паст кардани зарарҳои эҳтимолӣ чораҳои ақлона ва дастрасро наандешидааст, Суғуртакунанда аз ҷуброни зарарҳо, ки дар натиҷаи он амалҳои Суғурташаванда ба миён омадааст, озод карда мешавад;

е) пардохти суғуртавиро ба таъхир гузорад, дар ҳолате, ки агар:

- бо ташаббуси Суғурташаванда ва ё Суғуртакунанда экспертизаи мустақили сабабҳо ва ҳолатҳои рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарар гузаронида шавад. Илова бар он муҳлати пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба давраи вақте, ки дар давраи он экспертиза шудааст, зиёд карда мешавад;
- аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ парвандаи ҷиноӣ аз рӯи далели ҳодисаи суғуртавӣ боз карда шудааст то қатъ гардидани тафтишоти ҷиноӣ ва баромадани ҳукми суд;
- тафтишоти судӣ нисбати ҳодисаи суғуртавӣ оғоз карда шудааст то лаҳзаи қувваи қонунӣ гирифтани санади судӣ ҳангоми мавҷуд набудани шикоят нисбати он. Дар ҳолати шикоят овардан батаъхиргузорӣ то лаҳзаи қабули санади судӣ, ки ҷоиз ба шикоят овардан нест, амалӣ карда мешавад.

11.4. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

а) Суғурташавандаро бо шартҳои Қоида ва Шартномаи суғурта шинос намояд;

б) ҳангоми гирифтани пешниҳоди Суғурташаванда оиди тағийр додани Шартномаи суғурта дар муҳлати 5 (панҷ) рӯз онро баррасӣ намояд ва оиди қарори қабулкардааш ба Суғурташаванда хабар диҳад;

в) маълумотро оиди Суғурташаванда ва вазъи молумулкии ӯ ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, ифшо нанамояд.

г) ҷуброни чуғуртавиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур пардохт намояд.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, Суғурташаванда бояд ба Суғуртакунанда аризаи шакли муқарраршуда оиди ҳодиса бо ишораи ҳолатҳои ба миён омададани ҳодисаи суғуртавӣ дар лаҳзаи пешниҳоди ариза ва зарари эҳтимолӣ ба Суғурташаванда пешниҳод намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.2. Ба ариза оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҳуҷҷатҳо ва ё нусхаи онҳо, ки оиди рух додани ҳодисаи суғуртави ва ҳаҷми зарар шаҳодат медиҳанд, замима намояд. Бо ҳайси чунин намуди ҳуҷҷатҳо ҳисобидан мумкин аст:

– нусхаи шартнома (аҳд) ва ё ҳуҷҷати дигар, ки ба имзо расонидани додугирифтҳоро тасдиқ менамояд) бо Контрагент бо тамоми замимаҳо ва иловаҳо, инчунин нусхаи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки иҷрои уҳдадориҳои худ аз ҷониби Суғурташавандаро (Суғурташуда) аз рӯи додугирифти мазкур тасдиқ менамоянд;
– ҳуҷҷатҳои мурофиқати молӣ, супоришҳои пардохтӣ, мукотиботи байни Суғурташаванда (Суғурташуда) ва Контрагент;
– нусхаҳои ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи сабаби иҷро накардани ухдадориҳо аз рӯ додугирифт аз ҷониби Контрагенти Суғурташаванда (Шахси суғурташуда);
– ҳисобнамоии зарари ба Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) расонидашуда бо замима намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ва ё нусхаҳои он. Ҳуҷҷатҳое, ки ба сифати ҳаҷми зарари ба Суғурташаванда расонидашударо тасдиқкунанда метавонад аз он чумла шартномаҳо, ҳисобҳо, сметаҳои хароҷот, рӯйхатгирӣ, ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва муҳосиботӣ, хулосаҳо ва ҳисобҳои ширкатҳои ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, аудиторӣ ва ширкатҳои дигари махсусгардонидашуда ва ҳуҷҷатҳои дигар бошанд.
– ҳуҷҷатҳо аз мақомоти салоҳиятдори давлати, хулосаҳои экспертӣ ва ҳуҷҷатҳои ба ин монанд, ки далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, сабаб ва хусусиятҳои ҳолатҳои бамиёномада, ки нисбати онҳо суғурта амалӣ карда мешавад, ҳаҷми зарари ба Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) расонидашуда;
– инчунин нусхаи даъво ба Контрагент, ҷавоб ба он, аризаи даъвогӣ, ҷавоб ба он, маълумотҳо дар бораи ҳамҷавобгарон, шахсони сеюм, қарори суд, агар баҳс аз рӯи тартиби судӣ ба танзим даровaрда шавад.

12.3. Дар ҳолати муфлисшавӣ ва ё барҳамдиҳии Контрагент-нусхаи санади мутобиқкунандаи судӣ, иқтибос оиди соқит намудани Контрагент аз феҳристи давлатии шахсони ҳуқуқӣ;

– ҳуҷҷатҳо аз мақомоти салоҳиятдор, ки далел, сабаб ва ҳолатҳои ба Суғурташаванда расонидани зарар аз ҷониби шахсони сеюмро тасдиқ менамоянд, инчунин қарори суд, агар баҳс аз рӯи тартиби судӣ баррасӣ карда шавад;
– ҳуҷҷатҳое, ки хароҷотро барои гузаронидани экспертизаи мустақил бо ҳадафи муқарар кардани ҳолатҳо ва ҳаҷми зарари расонидашуда тасдиқ менамоянд;
– ҳуҷҷатҳое, ки хароҷоти судиро тасдиқ менамоянд, аз он ҷумла хароҷот барои пардохти намояндагон (адвокатҳо), агар баҳс аз рӯи тартиби судӣ баррасӣ карда шавад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- ҳуҷҷатҳо (ҳисобҳо, расидҳо, борхатҳо, ҳуҷҷатҳои дигари пардохтӣ), ки ҳаҷми хароҷотҳоро оиди кам кардани зарарҳои аз руи шартномаи суғурта ҷуброншаванда тасдиқ менамоянд;
- ҳуҷҷатҳо, далелҳо ва маълумотҳои барои амалӣ намудани ҳуқуқи талаб нисбати шахсони барои расонидани зарар гунаҳкор аз ҷониби Суғуртакунанда зарур;

12.4. Суғуртакунанда бо мақсади содда гардонидани раванди пардохтҳои суғуртавӣ ва ҷубронҳои суғуртавӣ дар ҳолати зарурӣ метавонад, пардохтҳои суғуртавӣ ва ҷубронҳои суғуртавиро то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар асоси санадҳои суғуртавии дохилӣ (бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мақомоти дахлдор) амалӣ намояд.

12.5. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад мустақилона оиди кофияти ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда барои эътирофи ҳолати руҳдода ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ ва муайян намудани ҳаҷми зарарҳо қарор қабул намоянд.

Дигар маълумот ва ҳуҷҷатҳои тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Уҳдадории исбот намудани зарурати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ишорашуда барои гузаронидани тафтишот нисбати ҳодисаи суғуртавӣ ҳангоми ба миён омадани баҳс дар суд бар дӯши Суғуртакунанда вогузор карда мешавад.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Тартиби ҷуброни зарар бо мазмуни банди мазкур муқаррар карда мешавад. Пардохти суғуртавӣ пас аз он, Ки пардохти суғуртавӣ ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) мутобиқи шартҳои Шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда (Фоидагиранда) оиди ҷуброни зарарҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, хусусият ва ҳаҷми зарарҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳаҷми зарар, санади суғуртавӣ ва ҳисобу китоби зарарҳо, пардохт мегардад.

13.2. Ҳангоми мавҷудияти суғуртаи дукарата, ҷуброн аз ҷониби Суғуртакунанда танҳо ба он қисмати зарар, ки бо Шартномаҳои дигари суғуртавӣ дарбар гирифта намешавад, пардохт карда мешавад.

13.3. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба Суғурташаванда дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ баъди аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидани Санад оиди ҳолати суғуртавӣ, пардохт карда мешавад.

13.4. Агар ҳолати дигарро Шартномаи суғурта пешбинӣ накарда бошад, ҳангоми суғуртакунӣ бо эквиваленти асъорӣ, пардохти суғуртавӣ бо пули тоҷикии сомонӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои асъори мувофиқаткунанда дар санаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ муқарар намудааст, амалӣ карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Илова бар он бо мақсади амалӣ намудани назорат аз болои таваккали асъорӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад маҳдудиятро нисбати бузургии тағийрёбии қурби асъор, ки Суғуртакунанда ба сифати барои истифодаи суғуртавӣ бо эквиваленти асъорӣ дастрас бо усули муносиб инъикос намудани чунин маҳдудиятҳо дар Шартномаи суғурта истифода мебарад, амалӣ намояд.

Истифодаи чунин маҳдудиятҳо чунин маъно хоҳад дошт, ки ҳангоми ҳисоби маблағи пардохти суғуртавӣ, шартҳои пардохт аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон ҳолате мавриди истифода қарор мегирад ки, агар қурби дар Шартномаи суғурта муқараргаштаи асъор аз қурби ҳадди аксари боиси пардохтбуда зиёд набошад. Зери мафҳуми қурби ҳадди аксар барои пардохт, қурби асъори мутобиқаткунандае, ки Бонки милии Тоҷикистон дар санаи гузаронидани ҷуброни суғуртавӣ, ки ба 1% (як фоиз) барои ҳар як моҳ (аз он ҷумла нопурра), зиёд кардашудаи аз лаҳзаи гузаронидани мукофот гузашта фаҳмида мешавад, агар Шартномаи суғурта дигар маҳдудиятҳоро пешбинӣ накарда бошад.

Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, Суғурташаванда бояд ба Суғуртакунанда аризаи шакли муқараршуда оиди ҳодиса бо ишораи ҳолатҳои ба миён омадани ҳодисаи суғуртавӣ дар лаҳзаи пешниҳоди ариза ва зарари эҳтимолӣ ба Суғурташаванда пешниҳод намояд.

13.5. Ба ариза оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҳуҷҷатҳо ва ё нусхаи онҳо, ки оиди рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарар шаҳодат медиҳанд, замима намояд. Ба ҳайси чунин намуди ҳуҷҷатҳо ҳисобидан мумкин аст:

- нусхаи шартнома (аҳднома) ва ё ҳуҷҷати дигар, ки ба имзо расонидани Додугирифтҳоро тасдиқ менамояд) бо Контрагент бо тамоми замимаҳои ва иловаҳо, инчунин нусхаи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки иҷрои уҳдадориҳои худ аз ҷониби Суғурташавандаро (Суғурташуда) аз рӯи додугирифти мазкур тасдиқ менамоянд;
- ҳуҷҷатҳои мурофиқатии молӣ, супоришҳои пардохтӣ, мукотиботи байни Суғурташаванда (Суғурташуда) ва Контрагент;
- нусхаҳои ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи сабаби иҷро накардани уҳдадориҳо аз рӯ додугирифт аз ҷониби Контрагенти Суғурташаванда (Шахси суғурташуда);
- ҳисобнамоии зарари ба Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) расонидашуда бо замима намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ва ё нусхахои онхо.
- аз он ҷумла шартномаҳо, ҳисобҳо, сметаҳои хароҷот, рӯйхатгирӣ, ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва муҳосиботӣ, хулосаҳо ва ҳисобҳои ширкатҳои ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, аудиторӣ ва ширкатҳои дигари махсусгардонидашуда ва ҳуҷҷатҳои дигар бошанд.
- ҳуҷҷатҳо аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, хулосаҳои экспертӣ ва ҳуҷҷатҳои ба ин монанд, ки далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, сабаб ва хусусияти ҳолатҳои бамиёномада, ки нисбати онҳо суғурта амалӣ карда мешавад, ҳаҷми зарари ба Суғурташаванда (шахси Суғурташуда)

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

расонидашуда; инчунин нусхаи даъво ба контрагент, ҷавоб ба он, аризаи даъвогӣ, ҷавоб ба он, маълумотҳо дар бораи ҳамҷавобгарҳо, шахсони сеюм, қарори суд, агар баҳс аз рӯи тартиби судӣ ба танзим дароварда шавад.

13.6. Дар ҳолати муфлисшавӣ ва ё барҳамдиҳии Контрагент нусхаи санади мутобиқаткунандаи судӣ, иқтибос оиди соқит намудани Контрагент аз феҳрасти давлатии шахсони ҳуқуқӣ;

- ҳуҷҷатҳо аз мақомоти салоҳиятдор, ки далел, сабаб ва ҳолатаҳои ба Суғурташаванда расонидани зарар аз ҷониби шахсони севвумро тасдиқ менамоянд, инчунин қарори суд, агар баҳс аз рӯи тартиби судӣ баррасӣ карда шавад;
- ҳуҷҷатҳое, ки хароҷотро барои гузаронидани экспертизаи мустақил бо ҳадафи муқарар кардани ҳолатҳо ва ҳаҷми зарари расонидашуда тасдиқ менамоянд;
- ҳуҷҷатҳое, ки хароҷоти судиро тасдиқ менамоянд, аз он ҷумла хароҷот барои пардохти намояндагон (адвокатҳо), агар баҳс аз рӯи тартиби судӣ баррасӣ карда шавад;
- ҳуҷҷатҳо (ҳисобҳо, расидҳо, борхатҳо, ҳуҷҷатҳои дигари пардохтӣ), ки ҳаҷми хароҷотро оиди кам кардани зарарҳои аз рӯи шартномаи суғурта ҷуброншаванда тасдиқ менамоянд;
- ҳуҷҷатҳо, далелҳо ва маълумотҳои барои амалӣ намудани ҳуқуқи талаб нисбати шахсони барои расонидани зарар гунаҳкор аз ҷониби Суғуртакунанда зарура.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВИ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти суғуртавӣ даст кашад агар:

- зарарҳо дар натиҷаи, он ки Суғурташаванда барқасдона чораҳои оқилона ва дастрасро барои паст кардани зарарҳои эҳтимолӣ, наандешидааст, ба вуҷуд омадаанд;
- ҳодисаи суғуртавӣ дар натиҷаи қасди Суғурташаванда ба миён омадааст;
- дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

14.2. Қарор оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ ба Суғурташаванда ба таври хаттӣ бо сабабҳои асосноки даст кашидан аз пардохт расонида мешавад.

14.3. Даст кашидани Суғуртакунанда барои амалӣ намудани пардохти суғуртавӣ метавонад аз ҷониби Суғурташаванда да суд шикоят оварда шавад.

## 15. ТАҒИЙРЁБИИ ДАРАҶАИ ТАВАККАЛ

15.1. Дар давраи амали Шартномаи суғурта Суғурташаванда уҳдадор аст фавран ба Суғуртакунанда оиди тағийротҳои назарраси нисбати ҳолатҳои ба Суғуртакунанда ҳангоми бастани Шартнома хабардодашуда ва ба вай маълумшуда

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN

хабар диҳад, агар ин тағйирот тавонад ба таври арзишнок ба баландшавии хавфи суғуртавӣ (тағйирёбии ҳолатҳо арзишнок ҳисобида мешавад, агар вақте онҳо то он дараҷае дигар шудаанд, ки агар тарафҳо метавонистанд онҳоро ба таври ақлона пешбинӣ намоянд, Шартнома умуман аз ҷониби онҳо баста намешуд ва ё аз рӯи шартҳои ба таври назаррас фарқкунанда баста мешуд) таъсир расонанд.

15.2. Тағйироти назаррас ин ҳар кадом тағйироте эътироф карда мешавад, ки дар маълумотҳо дар Шартномаи суғурта ишора шудаанд (мавҷуданд), ариза барои суғуртанамоӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба Суғуртакунанда ҳангоми бастан ва иҷрои Шартномаи суғурта пешниҳод гардидаанд (интиқол дода шудаанд). Ба чунин ҳолатҳо аз он ҷумла (аммо бе маҳдудият) васеъкунӣ, диверсификатсия ва ё тағйирёбии соҳаи фаъолияти Суғурташаванда (Шахси суғурташуда), ки дар Шартномаи суғурта ишора шудаанд, ворид мешаванд.

15.3. Баъди гирифтани маълумот оиди болоравии хавфи суғуртавӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад тағйирот дар шартҳои Шартномаи суғурта ва ё пардохти мукофоти иловагии суғуртавиро баробарҳаҷм ба болоравии таваккал талаб намояд.

15.4. Агар Суғурташаванда муқобили тағйироти шартҳои Шартномаи суғурта ва ё иловатан супоридани мукофоти суғуртавӣ эътироз намояд, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани Шартномаро аз рӯи тартиби пешбининамудаи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд. Махсусан, созишнома оиди бекор кардани Шартнома дар ҳамон шакле, ки Шартнома тартиб дода шудааст амалӣ карда мешавад, ухдадориҳои тарафҳо аз лаҳзаи бастани созишнома оиди бекор кардани Шартнома қатъ карда мешавад, ҳангоми бекор кардани он аз рӯи тартиби судӣ– аз лаҳзаи қувваи қонунӣ гиирифтани қарори суд оиди бекор кардани Шартнома қатъ карда мешавад. Тарафҳо ҳуқуқ надоранд бозгашти он чиро ки аз ҷониби онҳо аз рӯи ухдадориҳо то лаҳзаи бекор кардани Шартнома иҷро карда шудааст талаб намоянд, агар аз ҷониби қонун ҳолати дигар пешбинӣ нагардида бошад.

15.5. Агар Суғурташаванда ба Суғуртакунанда оиди тағйиротҳои назаррас дар мавриди ҳолатҳое, ки ҳангоми бастани Шартнома хабар дода шудааст, хабар надиҳад, онгоҳ мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бекор кардани Шартнома ва ҷуброни зарарҳое, ки бо бекор кардани Шартнома вобастаанд, талаб намояд. Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад бекор кардани Шартномаи суғуртаро талаб намояд, агар ҳолатҳое, ки сабаби болоравии хавфи суғуртавӣ гардидаанд, аллакай аз байн рафта бошанд.

## 16. СУБРОГАТСИЯ

16.1. Ба Суғуртакунанда, ки ҷуброни суғуртавиро пардохт кардааст, дар доираи маблағи пардохткардаи ӯ ҳуқуқи пешниҳоди даъвоҳое, ки Суғурташаванда ё Фоидагиранда иисбати шахси барои зиёни дар натиҷаи суғуртакунӣ ҷубронгардида масъул дорад, мегузарад.

16.2. Ҳуқуқи ба Суғуртакунанда гузаштаи даъво аз ҷониби ӯ бо риоя намудани қоидаҳое, ки муносибатҳои байни Суғурташаванда ё Фоидагиранда ва шахси барои зарар масъулбуда танзим менамоянд, амалӣ карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

16.3. Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст ба Суғурткунанда тамоми ҳуҷҷатҳо ва далелҳоро супорад, тамоми чораҳоро андешад, тамоми маълумотро, ки барои ба амалбарории ҳуқуқи пешииҳоди даъво нисбати шахсони гунаҳгор заруранд хабар расонад.

16.4. Дар сурате агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз супурдапи ҳуқуқи худ иисбати шахсе, ки барои зиёни расонидашуда, ки аз ҷониби Суғурткунанда ҷуброн карда мешавад, масъул мебошад ё ин ки ба амал баровардани ҳуқуқи мазкур бо айби Суғурташаванда (Фоидагиранда) имконнопазир гардидааст, рад намояд, онгоҳ Су ҷуброни суғуртавӣ пурра ё қисман озод карда мешавад.

## 17. СУҒУРТАИ ДУКАРАТА

17.1. Суғурташаванда (Фоидагиранда) ухдадор аст тариқи хаттӣ дар бораи тамоми шартномаҳои суғурта, ки нисбати объекти суғурташуда аз рӯйи айнан ҳамин хавфҳо бо дигар ташкилотҳои суғуртавӣ бастааст, хабар расонад. Ҳамзамон Суғурташаванда (Фоидагиранда) вазифадор аст номгӯи дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, объектҳои суғурта ва ҳаҷми маблағҳои суғуртавиро дарҷ намояд.

17.2. Агар дар лаҳзаи фаровасии ҳодисаи суғуртавӣ нисбати объекти суғурташуда дигар шартномаҳои суғурта аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд амал памоянд, он гоҳ Суғурткунанда ҷуброни зарарро дар ҳаҷми мутаносиб ба маблағи суғуртавӣ аз рӯйи шартномае, ки Суғурткунанда бастааст, ба маблағи умумӣ аз рӯйи ҳамаи шартномаҳои суғуртаи объекти мазкур, ки Суғурташаванда бастааст, пардохт менамояд.

17.3. Агар бастани якчанд Шартномаҳои суғурта нисбати объекти суғурткардаи Суғурткунанда аз рӯйи хавфҳои ҳаммонанд ба маблағе, ки арзиши суғуртавии он (тибқи шартномаи суғурта) барзиёд мебошад, натиҷаи амали барқасдонаи Суғурташаванда бошад, Суғурткунанда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани шартнома ва баргардонидани ҷуброни зарари бо ин амал ба ӯ расонидашударо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намояд.

## 18. МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

18.1. Суғурташаванда, ки бо Суғурткунанда шартномаи суғуртаро аз рӯйи шартҳои Қоида ба имзо расонидааст, розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии дар поён номбаршуда барои амалӣ намудани суғурта аз рӯйи шартномаи суғурта, аз он ҷумла бо мақсади тафтиши сифати пешниҳоди хизматрасонии суғуртавӣ ва танзими даъвоҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, назорати шартномаи суғурта, инчунин бо мақсади хабардоркунии Суғурташаванда оиди дигар маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои Суғурткунанда медиҳад.

18.2. Маълумотҳои шахсӣ аз инҳо иборат аст: насаб, ном, номи падар, сол, моҳ, сана ва макони таваллуд, маълумоти шиноснома, суроғаи зист, дигар маълумотҳо, ки дар шартномаи суғуртаи бо Суғурташаванда баимзорасида, ки ба маълумотҳои шахсӣ мансуб буда метавонанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

18.3. Суғурташаванда ба Суғуртакунанда ҳуқуқи амалӣ намудани тамоми амалҳо (амалиётҳо) бо маълумотҳои шахсӣ, аз он ҷумла ҷамъ намудан, банизомдарорӣ, ҳифз намудан, аниқнамоӣ (аз нав намудан, тағйир додан), истифода бурдан, ғайришахсӣ намудан, маҳкам кардан, нобуд намуданро медиҳад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад махълумоти шахсиро ба воситаи ворид намудани онҳо ба маҳзанҳои электронии маълумотҳои худ коркард намояд.

18.4. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бахри иҷроипш уҳдадориҳои худ аз рӯйи шартномаи суғурта маълумотҳои шахсии Суғурташавандаро ба шахсони сеюм тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи ҶТ интиқол диҳад.

18.5. Бо тасдиқ намудани гирифтани Қоида ва розӣ шудани Суғурташаванда барои коркарди маълумотҳои шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ӯ розигии худро барои коркарди маълумотҳои шахсии Суғурташаванда аз лаҳзаи ба имзо расидани шартномаи суғурта медиҳад. Розигии Суғурташаванда барои коркарди маъумотҳои шахсии ӯ аз ҷониби Суғурташаванда дар доираи мухлати муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

18.6. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад розигии худро ба воситаи тартиб додани ҳуҷҷати хаттии дахлдор бозхост намояд, ки он бояд ба унвони Суғуртакунанда бо ирсоли мактуби фармоишӣ бо огоҳиномаи дастрас намудан ва ё шахсан бо гирифтани забонхати намояндаи ваколатори Суғуртакунанда супорида шавад. Ҳангоми аз Суғурташаванда расидани аризаи хаттӣ оиди бозхост намудани маълумотҳои шахсӣ Суғуртакунанда аризаи ишорашударо ҳамчун огоҳинома оиди бозхост намудани иҷозати коркарди маълумоти шахсӣ дида мебарояд ва иҷозат аз санаи расидани аризаи ишорашудаи Суғурташаванда бозхостшуда ба ҳисоб меравад. Баъди ба итмом расидани мухлати шартномаи суғурта (аз он ҷумла ҳангоми бекор намудани он) Суғуртакунанда уҳдадор мешавад коркарди маълумоти шахсиро қатъ намояд ва маълумоти шахсии Суғурташавандаро бо расидани мухлати мурури даъво нобуд созад.

18.7. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ба Суғуртакунанда барои истифодаи маълумотҳои дар боло зикрёфта ҳуқуқи истифода надиҳад. Дар ин ҳолат аз ҷониби Суғурташаванда дар шартҳои махсус қайди «Ҳуқуқи истифодаи маълумотҳои шахсӣ дар доираи шартномаи мазкур пешниҳод нагардидааст» мегузорад ва ё дигар муқарраротро, ки тибқи он Суғурташаванда пешниҳоди ҳуқуқи ишорашударо рад менамояд, истифода мебарад.

18.8. Суғурташаванда инчунин ҳуқуқ дорад дар ҳар. вақт розигиро оиди коркарди маълумотҳои шахсӣ маҳдуд ва ё бозхост намояд.

18.9. Ҳангоми норозигии Суғурташаванда барои пешниҳоди маълумотҳои шахсии дар боло зикргардида, Суғуртакунанда ҳангоми ба миён омадани зарурати коркарди маълумоти шахсӣ аз Суғурташаванда розигии ӯро дархост менамояд.

18.10. Суғуртакунанда инчунин тасдиқ менамояд, ки набудани розиги Суғурташаванда барои коркарди маълумоти шахсӣ аз ҷониби Суғуртакунанда бо ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқи Суғурташаванда ва ё уҳдадории Суғуртакунанда аз рӯйи шартномаи суғуртаи баимзорасида таъсир намерасонад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТА
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Шартҳои дар Қисми мазкури Қоида ишорагардида инчунин ба шахси Суғурташуда ва Фоидагиранда дар ҳодати розигӣ додан/надодани онҳо барои ҳуқуқи истифодаи маълумоти шахсйи онҳо аз ҷониби Суғуртакунанда дахл доранд.

## 19. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

19.1. Баҳсҳое, ки аз шартномаи суғурта ба миён меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

19.2. Дар сурати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳс бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба суд пешниҳод карда мешавад.

19.3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо аз рӯйи шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоида баста шудааст, бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровард мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №1
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори генералии
ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
_______________ Раҳмонов Б.Р.
аз «08» ноябри соли 2025, №171/25

УСЛУБИ БАҲИСОБГИРИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФҲОИ СУҒУРТАВӢ

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ

## 1. УСЛУБИ БАҲИСОБГИРӢ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Баҳисобгирӣ (асосноккунии иқтисодии) тарифҳои суғуртавӣ дар асоси муқаррароти Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (минбаъд – Талабот), ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №74 аз «21» июни соли 2022 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Услуб барои ҳисоб кардани меъёрҳои тарифи суғуртавӣ барои намудҳои хавфноки суғурта мувофиқ буда, дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда мешавад:

Омор ё маълумоти дигар оид ба намуди суғурта мавҷуд аст, ки имконият медиҳад қиматҳои зеринро ҳисоб кунем:

- q – эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта;

$$q = \frac{M}{N} \quad (1.1.1)$$

- S – маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта.

$$S = \frac{\sum_{i=1}^{N} S_i}{N} \quad (1.1.2)$$

- Sb – пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ.

$$S_b = \frac{\sum_{k=1}^{M} S_{bk}}{M} \quad (1.1.3)$$

Дар ин ҷо: N – миқдори умумии шартномаҳои суғуртаи басшуда барои баъзе давраҳои гузашта;

M – миқдори ҳодисаҳои суғуртавӣ дар N шартномаҳо;

$S_i$ – маблағи суғуртавӣ дар вақти бастани i шартнома

i = 1, 2, ..., N.

$S_{bk}$ – пардохти суғуртавӣ дар k ҳодисаи суғуртавӣ;

k = 1, 2, ..., M.

тахмин карда мешавад, ки ягон ҳодиса харобиовар намешавад, агар як ҳодиса боиси якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ шавад.
Баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ дар асоси шумораи пешакӣ муайяншудаи шартномаҳо (n) ҳисоб карда мешаванд, ки бояд бо Суғурташавандагон баста шаванд.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳаҷми тахминии амалиёти суғуртавӣ (маблағи миёнаи суғуртавӣ дар як шартнома, пардохти миёнаи суғуртавӣ, шумораи тахминии шартномаҳо ва эҳтимолияти рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ) ҳисоб карда шуданд.

**Меъёри холис $T_х$** аз ду қисм – қисми асосӣ Тх.ас. $T_а$ ва таваккалӣ сарборӣ Тх.тав. $T_с$.

$$T_х = T_а + T_с \quad (1.1.4)$$

- **Қисми асосӣ меъёри холис (Тх.ас.) $T_а$** – ба пардохтҳои миёнаи суғуртавии Суғуртакунанда, ки аз эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавии q, маблағи миёнаи суғуртавии S ва пардохти миёнаи суғуртавии Sv вобаста аст, мувофиқат мекунад. Қисми асосии меъёри холис аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

$$T_а = 100 * \frac{S_b}{S} * q \quad (1.1.5)$$

- **Сарбории эҳтимолӣ Тн.тав. $T_c$** – бо мақсади ба назар гирифтани зиёд будани эҳтимолии шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ нисбат ба арзиши миёнаи онҳо ҷорӣ карда мешавад. Ғайр аз q, S ва $S_b$, сарбории эҳтимолӣ инчунин аз параметрҳои зерин вобаста аст: n – шумораи шартномаҳои марбут ба давраи суғурта, ки барои онҳо суғурта анҷом дода мешавад, паҳншавии миёнаи пардохти суғуртавӣ $R_b$ ва кафолати γ – эҳтимолияти зарурӣ, ки мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кифоя бошанд.

  Агар ташкилоти суғуртавӣ маълумот дар бораи арзиши $R_b$ надошта бошад, метавонанд, ки сарбории эҳтимолиро бо формулаи зерин ҳисоб кунанд:

$$T_c = 1{,}2 * T_а * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{x * q}} \quad (1.1.6)$$

Дар ин ҷо: q – эҳтимолияти ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ;

n – шумораи пешбинишудаи шартномаҳои суғурта.

- **Меъёри умумӣ $T_\Delta$** – бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_\Delta = \frac{Tх * 100}{100 - f} \quad (1.1.7)$$

Дар ин ҷо: $T_х$ – меъёри холис;

f (%) – ҳиссаи сарборӣ аз меъёри умумии тарифи суғуртавӣ.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ барои шартномаҳои суғурта ба муҳлати як сол ҳисоб карда мешаванд.

Сохтори меъёри тарифҳои суғуртавӣ:

- 25,7% – меъёри холис;
- 51,6% – хароҷотҳо барои пешбурди кор;
- 4,1% – андоз аз даромад;
- 18,6% – фоида.

Баҳисобгирии сарбории эҳтимолӣ. Ташкилоти суғуртавӣ, бо эҳтимолияти g = 0,95, интизор аст, ки пардохти суғуртавии имконпазир аз мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда зиёд набошад, пас аз Ҷадвали 1 a (g) = 1,645.

Ҷадвали 1

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **g** | 0,84 | 0,90 | 0,950 | 0,98 | 0,9986 |
| **a (g)** | 1,00 | 1,30 | 1,645 | 2,00 | 3,0000 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- **g** – кафолати эҳтимолияти зарурӣ, ки бо он мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кофӣ бошанд;
- **a (g)** – коэффисиенте, ки ба кафолати бехатарии гамма вобаста аст. Қимати онро аз Ҷадвал гирифтан мумкин аст.

## 2. ҲИСОБКУНИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФИИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоб кардани меъёрҳои тарифии заминавӣ дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиёрии таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ, ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (минбаъд «Қоида ё Қоидаи суғурта») амалӣ карда шудааст.

**Интихоби замина ба натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷониба асос меёбад:**

- омори худӣ (ҳаҷми он нокифоя аст);
- омори бозор;
- баҳодиҳии коршиносии (экспертии) мутахассисони ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс».

Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ ва барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, пардохтҳои миёнаи суғуртавӣ ва маблағи миёнаи суғуртавӣ дар асоси маълумоте, ки дар давоми фаъолияти Суғуртакунанда ва дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ фаъолият мекунанд, дар давоми панҷ соли охир ҷамъоварӣ шудаанд ва аз баҳодиҳии коршиносии Суғуртакунанда асос ёфтааст.

Нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи шумораи шартномаҳо (n) дар асоси шумораи пешбинишудаи (ба нақша гирифташудаи) шартномаҳои суғурта барои соли оянда муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз натиҷаҳое, ки дар натиҷаи коркарди омор ба даст оварда шудаанд, инчунин пас аз баҳодиҳии мутавозуни ҳар як ҷузъи хавф дар хавфи умумии ҳодисаи суғуртавӣ нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ арзёбӣ карда шуданд.

Меъёрҳои тарифии заминавӣ бо тахминкунии тақсимоти якхелаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва тақсимоти муқаррарии ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини рақобатпазирии маҳсулоти суғуртавӣ ва мутобиқсозии он ба вазъи воқеии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои тарифии ҳисобшуда тасҳеҳ карда шуданд. Дар оянда, бо ташаккули заминаи омории худии Суғуртакунанда ва зиёд шудани ҳаҷми портфели суғуртавӣ, тарифҳои мазкур мавриди бозбинӣ ва дақиқсозӣ қарор дода мешаванд.

Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартномаи мушаххаси суғурта ҳуқуқ дорад ба меъёри ибтидоии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба омилҳои ба дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва шартҳои суғурта таъсиркунанда коэффисиентҳои афзоянда ва камшавандаро татбиқ намояд:

| ОМИЛИ ХАВФ ВА ШАРТҲОИ СУҒУРТА | КОЭФФИСИЕНТҲОИ ТАСҲЕҲӢ | |
|---|---|---|
| | на кам | на зиёда |
| Меъёри тарифи суғуртавӣ барои шартномаи мушаххаси суғурта ҳамчун натиҷаи тарифи ибтидоии суғуртавӣ ва коэффисиентҳои тасҳеҳӣ ҳисоб карда мешавад. | 0,01 | 10 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Замимаи № 1 ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ**

Баҳисобгирӣ ва асоснокkунии иқтисодии тарифҳои суғуртавӣ барои суғуртаи ихтиёрии таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ

| Нишондиҳанда | Аломат [формула] | Суғуртаи ихтиёрии таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ |
|---|---|---|
| Баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ | q | 0,0002 |
| Пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | $S_b$ | 14 512 |
| Маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | S | 17 580 |
| Шумораи ба нақша гирифташудаи объектҳои суғуртамешуда | n | 16 235 |
| Баҳодиҳии қисми асосии меъёри холис | $T_o = 100 * \frac{S_b}{S} * q$ | 0,016 |
| Дараҷаи бехатарӣ | y | 0,95 |
| Коэффисиенти бехатарӣ (миқдори яктарафаи тақсимоти муқаррарии стандартӣ аз сатҳи интихобшудаи бехатарӣ) | a(y) | 1,645 |
| Баҳодиҳии сарбории эҳтимолӣ | $T_p = 1{,}2 * T_o * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{n*q}}$ | 0,018 |
| Баҳодидиҳии меъёри холис | $T_n = T_o + T_p$ | 0,034 |
| Сарборӣ | f | **74,3** |
| **Баҳодиҳии меъёри умумӣ** | $T_\Delta = \frac{T_n * 100}{100 - f}$ | **0,13** |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

# ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТАВАККАЛҲОИ МОЛИЯВӢ ВА СОҲИБКОРӢ №______________

**ш. Душанбе** **«____» __________ соли 20___**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ФС №__________ аз ______________ фаъолият мебарад, минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ ______________________, ки дар асоси Оинномa амал мекунад, аз як Тараф ва аз тарафи дигар ________________________ минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад, дар шахсияти __________________________, ки дар асоси Оиннома амал менамояд, дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи суғуртаи ихтиёрии таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкории мазкурро (минбаъд – Шартномаи суғурта ё Шартнома), дар мазмуни зер бастанд:

## 1. МАФҲУМҲОИ ИСТИФОДАШАВАНДА

1.1. Дар Шартномаи мазкур чунин мафҳумҳо истифода мешаванд:

- **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;
- **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад;
- **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст;
- **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғурткунӣ) бо тартиб ва дар муҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;
- **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғурткунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;
- **Контрагентҳо** – шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликияти ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо, инчунин шахсони воқеии қобили амал, аз он ҷумла онҳое, ки ба ҳайси соҳибкорони инфиродӣ ба қайд гирифта шудаанд ва ба онҳо Суғарташаванда ва намояндагони он дар муносибатҳои шартномавии қарзӣ қарор доранд;
- **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии ҷавобгари ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғурткуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;
- **Санаи ибтидои давраи интизорӣ** – ин санаи вайроншавии уҳдадориҳои контрагент дар назди Суғурташаванда марбут ба пардохти қарзи бонкӣ (тибқи ҷадвали пардохти қарз) ҳисобида мешавад;
- **Ҳудуди суғурта** – Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## 2. ОБЪЕКТ ВА ҲУДУДИ СУҒУРТА

2.1. Объекти суғуртаи тибқи Шартномаи мазкур ин манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки бо таваккали ба миён омадани хисорот аз фаъолияти соҳибкории Суғурташаванда бинобар сабаби вайрон кардани уҳдадориҳои худ аз ҷониби контрагентони он ба ҳисоб меравад.

2.2. Ҳудуди фаъолияти суғурта – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3. ҲОДИСАИ СУҒУРТАВӢ

3.1. Тибқи Шартномаи мазкур ҳодисаҳои дар боби 5 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд, ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ дониста мешаванд.

## 4. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Тибқи Шартномаи мазкур мукофоти суғурта ба меъёри ____% аз андозаи маблағи суғуртавӣ муқаррар карда мешавад.

4.2. Мукофоти суғуртавӣ ба Суғурткунанда якваќта ба таври ғайринақдӣ ба суратҳисоби бонкии Суғурткунанда пардохт карда шавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION

## 5. МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Маблағи суғуртавии Шартномаи мазкур ______________ (______________) сомонӣ ____ дирамро ташкил медиҳад.

5.2. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти суғуртавӣ дар доираи маблағҳои суғуртавӣ дар ҳаҷми даъвоҳои асоснокшудаи Суғурташаванда сурат мегирад.

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1. Ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо дар боби 11 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 7. ТАРТИБ ВА МУҲЛАТИ АМАЛИГАРДОНИИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Тибқи муқаррароти боби 13 – и Қоидаи суғурта ба танзим даровварда мешавад.

## 8. ОЗОДНАМОИИ СУҒУРТАКУНАНДА АЗ АМАЛИГАРДОНИИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Ҳодиса ба сифати ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад, агар он зери таъсири боби 14 – и Қоидаи суғурта қарор гирифта бошад.

## 9. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

9.1. Шартномаи мазкур аз ___________ то _______________ амал мекунад.

9.2. Баъди итмоми муҳлати амали Шартномаи мазкур, Шартнома барои соли навбатӣ бо пардохти мукофоти суғуртавӣ барои соли навбатӣ тамдид мегардад.

## 10. АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

10.1. Асосҳои қатъ гардидани Шартномаи суғурта дар боби 10 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 11. МАХФИЯТ

11.1. Тамоми маълумотҳое, ки дар доираи Шартномаи мазкур вобастаанд, махфӣ шуморида шуда, дар муддати амали Шартнома, махфӣ нигоҳ дошта мешаванд.

11.2. Тарафҳо барои паҳн нагардидани маълумотҳо ва дастрас набудани онҳо, барои нафароне, ки ба ин шартнома муносибат надоранд, дар муддати амали шартнома тамоми чораҳои зарурииро меандешанд.

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Баҳсҳое, ки аз Шартномаи мазкур бармеоянд дар асоси гуфтушуниди Тарафҳо баррасӣ мегарданд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.2. Ҳангоми бо роҳи гуфтушунид ҳал нагардидани баҳс, тарафҳо метавонанд ба суд мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат намоянд.

## 13. ҚИСМАТИ ХОТИМАВӢ

13.1. Тағйиру иловаҳо ба Шартномаи мазкур тариқи созишномаи иловагӣ ба расмият даровarda мешаванд.

13.2. Дигар шартҳое, ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ нашудааст, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд.

13.3. Шартномаи мазкур дар 2 (ду) нусха тартиб дода шуда, якнусхагӣ ба Тарафҳо дода мешавад.

13.4. Суғурташаванда бо имзои Шартномаи мазкур тасдиқ менамояд, ки нусхаи Қоидаи суғуртаи ихтиёрии таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ гирифта, бо он шинос аст.

## 14. МАЪЛУМОТҲО ВА ИМЗОҲОИ ТАРАФҲО

| 14.1. СУҒУРТАКУНАНДА: | 14.2. СУҒУРТАШАВАНДА: |
|---|---|
| ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» | ______________________ |
| Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2 | Суроға: |
| РМА: 020030537 | РМА: |
| РМБ: 350101808 | РМБ |
| с/ҳ: 20202972780800000009 | |
| Бонки хизматрасон: ҶСП «Спитамен Бонк» | Бонки хизматрасон: |
| с/м: 20402972418081 | с/м: |
| Телефон: (+992) 44 60179 97 | Телефон: +992 |
| E – mail: info@spitameninsurance.com | E – mail: |
| Сомона: www.spi.tj | Сомона: |
| **Директори генералӣ** | ______________________ |
| ______________. ______________ | ______________. ______________ |
| **ҷ.м.** | **ҷ.м** |



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №3
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

## ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

### СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТАВАККАЛҲОИ МОЛИЯВӢ ВА СОҲИБКОРӢ

Силсила: ___________ Рақам: ___________

Суғуртакунанда: ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»

Иҷозатномаи ______________ аз ҷониби БМТ дода шудааст

Суғурташаванда: ____________________________________________

Суроға: ____________________________________________

Мухлати амал: аз «_____» ________________ с.20 ______ то «_____» _____________ с.20_

Объекти суғурта: ____________________________________________

Маблағи суғуртавӣ: ____________________________________________

Тарифи суғуртавӣ: ____________________________________________

Мукофоти суғуртавӣ: ____________________________________________

Ҳудуди амали полиси суғуртавӣ: ____________________________________________

Санаи барасмиятдарории полиси суғуртавӣ: ____________________________________________

**СУҒУРТАШАВАНДА: бо Қоидаи суғуртаи ихтиёрии таваккалҳои молиявӣ ва соҳибкорӣ шинос шудам ва розӣ мебошам.**

| | |
|---|---|
| ИМЗО | НОМИ ҲУҚУҚИИ (НОМ ВА НАСАБИ) СУҒУРТАШАВАНДА |

**СУҒУРТАКУНАНДА (НАМОЯНДАИ СУҒУРТАКУНАНДА)**

| | | |
|---|---|---|
| ВАЗИФА | ИМЗО | НОМ ВА НАСАБ |

**АЛОҚА БО МО:**

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

**Телефони боварии БМТ:** (+992) 44 600 15 20

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

НАМУНА